**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Барномаи таълими фанни

# ТАБИАТШИНОСӢ

## (олами атрофи мо)
## дар синфи 2-юми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Душанбе 2016

Барномаи таълими фанни **Табиатшиносӣ** ***(олами атрофи мо)*** дар синфи 2-юм. – Душанбе, 2016, 32 саҳ.


| | |
|---|---|
| Мураттибон: | **Қодиров Набӣ,<br>Абдуллоев Ибодулло,<br>Исоев Комилшо,<br>Сайфиддин Давлатзода.** |
| Муҳаррир: | **Фаридуни Умарбек** |
| Тарроҳ: | **Улуғбек Очилов** |



Ба чопхона 5.07.2016 супорида шуд.
Ба чоп 14.07.2016 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 2
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13[а]
Тел.: 227-48-09. E-mail: mmarkaz@list.ru

## САРСУХАН

Вобаста ба пешрафти бомароми замона, тағйирёбии шароити маданию сиёсӣ ва иқтисодии мардуми ҷумҳурӣ барои боз ҳам самаранок гардидани раванди таълиму тарбияи насли наврас зарурати таҳия намудани барномаҳои нави таълимӣ ба миён омад.

Таҳияи барномаи мазкур бо мақсади тарбияи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак ва дар он саҳм гузоштани табиатро дар назар дорад.

Табиатшиносӣ илми серсоҳа буда, дар синфҳои 1-4 ҳамчун фанни тому яклухт дар ҳамгиройӣ таълим дода мешавад ва дар синфҳои болоӣ мафҳумҳои алоҳидаи он бо фанҳои дигар мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Ҳангоми таҳия намудани барнома қоидаҳои асосии (принсипҳои) аз сода ба мураккаб, илмию дастрас будани маводи таълимӣ, кишваршиносӣ ва доштани муносибати интерактивӣ бештар ба инобат гирифта шудааст.

Донишҳои фанни табиатшиносӣ барои дарк ва пешгирии ҳодисаҳо, таҳлилу хулосаи онҳо дар асоси ҷаҳонбинии илмӣ зарур мебошанд.

## I. КОНСЕПСИЯИ ТАЪЛИМИ ФАННИ «ТАБИАТШИНОСӢ» ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Таълим дар синфҳои ибтидоӣ заминаи устувори минбаъдаи омӯзиш буда, асоси ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол мебошад.

Мактаббачагон дар ин давра на танҳо хондан, навиштан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, балки бо ҳодисаву воқеаҳои табиат шинос шуда, роҳҳои муҳофизати муҳити зистро аз худ мекунанд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ шиносоиро бо ҷузъиёти табиат ва мафҳумҳои табиӣ аз синфи якум оғоз намуда, ба омӯзиши муфассали он дар синфҳои болоӣ шурӯъ мекунанд.

- Омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» тавассути маводи таълимию тарбиявӣ бояд ба;

– дарки табиат, ҳодисаҳои табиӣ ва муҳити атроф, ягонагии муносибати одаму олам, муассирии он, эҳсоси ҷудонопазирии якдигар, эҳсоси воқеият;

– идроки муносибати ғамхорона бо табиат ва бойигариҳои он;

– фароҳам овардани имкониятҳо баҳри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатнокӣ;

– ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ тавассути шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ мусоидат намояд.

## II. МАҚСАДИ ТАЪЛИМИ ТАБИАТШИНОСӢ

### Мақсадҳои умумӣ

Саҳми фанни «Табиатшиносӣ»-ро дар ташаккули инсон, ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи табиат ба эътибор гирифта, мақсади умумии фанни мазкурро дар шакли зайл баён кардан мумкин аст:

- ✓ фаро гирифтани донишҳои табиатшиносӣ, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагон ба назар мерасанд ва барои омӯзиши фанҳои дигар мусоидат менамоянд;
- ✓ инкишофи шавқу ҳавас барои донистани ҳодисаю воқеаҳои табиат ва дарки олами атроф;
- ✓ ташаккули малакаю маҳорати дарки олам ва истифодаи он дар ҳаёти воқеӣ;
- ✓ доштани муҳаббат нисбат ба табиат, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳити зист ва дар ин замина тарбия намудани ҳисси масъулиятшиносӣ ва муносибати эҳтиёткорона бо олами атроф;
- ✓ дар зиминаи донишҳои ибтидоӣ оид ба табиат баланд бардоштани савияи ҷаҳонбинӣ ва муносибати хонандагон.

### Мақсадҳои мушаххас

- диққат додан ва муқоисаи ҳодисаю воқеаҳои табиӣ;
- ба таври шифоҳӣ баён намудани маводи омӯхташуда;
- фаҳмонида тавонистани фикр ва мақсади худ;
- иҷрои машғулиятҳои амалӣ;
- тасвири объекту ҳодисаҳои табиӣ;
- ҷудо кардани фаҳмишҳои асосии маводи табиатшиносӣ;
- фарқ кардани як унсур ё ҳодисаи табиӣ аз дигараш;
- тасаввур карда тавонистани ҳодисаю воқеаҳои табиӣ;

– таҳлил карда тавонистани объекти омӯхташаванда;
– дарки масъулият нисбат ба вазъи экологии маҳали зист;
– шавқманд будан ба донишандӯзӣ ва татбиқи донишҳои азхудкарда оид ба табиат дар ҳаёт;
– фаъол будан ба омӯзиши устувории гуногуни биологӣ.

## III. МАЗМУН ВА МУНДАРИЧА

| **Мавзӯи машғулиятҳо** | **Мазмун** | **Талабот ба дониш, малака ва маҳорат (натиҷаҳои таълим)** *Бо омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд:* |
|---|---|---|
| **Боби I. Тоҷикистон - Ватани маҳбуби мо** | | |
| 1. Тоҷикистон Ватани мост | Шумораи аҳолии Тоҷикистон. Миллатҳои сокини Тоҷикистон. Хусусиятҳои фарққунандаи миллатҳо – фарқияти забонӣ, тарзи либоспӯшӣ, урфу одат. Дӯстии байни миллатҳои сокини Тоҷикистон. | • шумораи аҳолии Тоҷикистонро донанд; • халқияту миллатҳои сокини Тоҷикистонро номбар кунанд; • хусусияти халқҳои гуногуни сокини Тоҷикистонро фаҳмонанд; • хонаи ягона будани Тоҷикистонро барои ҳамаи халқу миллатҳои сокини он шарҳ диҳанд. |
| 2. Табиати шаҳр ва деҳоти мо | Манзараҳои табиати шаҳр ва деҳот. Фарқи табиати шаҳр аз деҳот. Муносибати сокинони шаҳр ва деҳот ба муҳити зист. | • хусусияти манзараҳои шаҳр ва деҳотро шарҳ диҳанд; • аз рӯи шакли зоҳирӣ табиати шаҳрро аз деҳа фарқ кунанд; • аз рӯи расму тасвирҳо ва |

| | | |
|---|---|---|
| | | мушоҳидаҳои худ оид ба ҳаёти шаҳр ё деҳот иншои хурд (эссе) нависанд; |
| 3. Манзараҳои нотакрори табиати кишвари мо | Манзараҳои аҷоиби табииро аз рӯйи кадом аломатҳо муайян кардан мумкин? Аҳамият ва аломатҳои зебои манзараҳои табиии Тоҷикистон. Фарқияти манзараҳои табиӣ аз рӯи аломатҳо. | • манзараҳои маъмули табиии Тоҷикистонро номбар кунанд;<br>• аҳамияти манзараҳоро дар зебоии табиати Тоҷикистон фаҳмонанд;<br>• хусусияти баъзе манзараҳои табиии кишварро ба таври сода шарҳ диҳанд;<br>• расми яке аз манзараҳои табиии кишварро тасвир кунанд. |
| 4. Ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз ва Меҳргон | Ҷашнҳои миллии тоҷикон. Фарқи ҷашнҳои миллӣ. ҷашни Наврӯз. ҷашни Меҳргон. Давра (вақт)-и ҷашнгирии Наврӯз ва Меҳргон. Ташкили чорабиниҳо вобаста ба ҷашнҳои миллӣ. | • ҷашнҳои миллиро номбар кунанд;<br>• аломатҳои ҷашнҳои миллиро шарҳ диҳанд;<br>• вақти ҷашн гирифтани идҳоро гуфта, вобастагии онҳоро бо фаслҳои сол фаҳмонанд;<br>• аз рӯи мазмуни расмҳо ҷашнҳоро аз ҳам фарқ кунанд;<br>• чорабиниҳое, ки дар ин ҷашнҳо гузаронида мешаванд, номбар кунанд ва фарқияти онҳоро фаҳмонанд. |

| Боби II. Табиат ва гуногунии он | | | |
|---|---|---|---|
| 5. | Қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат | Қисми ғайризиндаи табиат. Қисми зиндаи табиат. Аломатҳои фарққунандаи қисмҳои табиати ғайризинда ва зинда. Муайян кардани намунаи қисмҳои зинда ва ғайризиндаи табиат (аз рӯи расмҳо). | • хусусиятҳои қисмати ғайризиндаи табиатро гӯянд;<br>• хусусиятҳои қисмати зиндаи табиатро шарҳ диҳанд;<br>• аз рӯи аломатҳо қисмҳои зинда ва ғайризиндаи табиатро фарқ кунанд;<br>• аз рӯи расму тасвирҳо унсурҳои ғайризинда ва зиндаи табиатро нишон диҳанд;<br>• расми намунаи қисмати ғайризинда ва зиндаи табиатро тасвир кунанд. |
| 6. | Ашёи табиӣ ва сунъӣ | Ашёи табиӣ. Гуногунии ашёи табиӣ. Хусусияти ашёи табиӣ. Ашёи сунъӣ. Хусусияти ашёи сунъӣ. Фарқияти ашёҳои табиӣ ва сунъӣ аз рӯи аломатҳо. | • ашёи табииро номбар кунанд;<br>• хусусияти онҳоро дар доираи фаҳмиши худ шарҳ диҳанд;<br>• ашёи табииро аз ашёи сунъӣ фарқ кунанд;<br>• аз кадом ҷисмҳо сохта шудани асбобу анҷоми рӯзгорро фаҳмонанд;<br>• ашёи табиӣ ва сунъиро гурӯҳбандӣ намоянд. |
| 7. | Дар бораи осмону | Осмон. Ситораҳо. | • оид ба ҷойгиршавии ва ситораҳо |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ситораҳо чиро бояд донем? | Бисёрии ситораҳо дар осмон. Бурҷҳои осмонӣ. Тасаввуроти одамони қадим оид ба осмони ситоразор. Офтоб – ситора. Аҳамияти Офтоб барои Замин ва ҳаёти одам. | маълумот диҳанд;<br>• мафҳуми “Бурҷ”-ро фаҳмонанд;<br>• яке аз ситораҳо будани Офтобро гӯянд;<br>• аҳамияти Офтобро барои инсон ва табиат бо суханони худ баён кунанд;<br>• расми осмону Офтоб ва ситораҳоро тасвир кунанд. |
| 8. | Тирамоҳ – фасли заррини сол | Тирамоҳ ҳамчун фасли сол. Моҳҳои фасли тирамоҳ. Аломатҳои тирамоҳ – тағйирёбии обу ҳаво, хазонрез, айёми ҳосилғундорӣ, ҳолати қисмҳои табиати ғайризинда ва зинда. Меҳнати одамон дар фасли тирамоҳ. Шуғли дӯстдоштаи бачаҳо дар ин фасл. | • яке аз фаслҳои сол будани тирамоҳро фаҳмонанд;<br>• айёми хазонрезро бо суханони худ тавсиф кунанд;<br>• аломатҳои обу ҳавои тирамоҳро шарҳ диҳанд;<br>• шуғли одамонро дар ин фасл тавсиф кунанд;<br>• ҳолати қисмҳои зинда ва ғайризиндаи табиатро дар фасли тирамоҳ фаҳмонанд;<br>• манзараи фасли тирамоҳро тасвир кунанд. |
| 9. | Ҳодисаи табиӣ чист? | Ҳодисаҳои табиӣ. Гуногунии ҳодисаҳои табиӣ. Аломатҳои фарқкунандаи ҳодисаҳои табиӣ. Ҳодисаҳои | • мафҳуми «ҳодисаи табиӣ»-ро шарҳ диҳанд;<br>• аз рӯи аломатҳо ҳодисаҳои табииро аз ҳам фарқ кунанд;<br>• оид ба ин ё он |

| | | |
|---|---|---|
| | табиии фаслҳои гуногуни сол. | ҳодисаи табиӣ аз ҳаёт мисол оранд;<br>• аз рӯи вақти бавуҷудоӣ ҳодисаҳои табииро ба фаслҳои сол мувофиқ кунанд. |
| 10. Чаро обу ҳаво тағйир меёбад? | Обу ҳаво чист? Кадом унсурҳо обу ҳаворо ташкил медиҳанд? Хусусияти обу ҳавои маҳал. Ҳолати обу ҳаво дар фаслҳои сол. Пойгоҳи обуҳавосанҷӣ. Ҷадвали мушоҳидаи обу ҳаво. | • Фаҳмиши худро оид ба обу ҳаво гӯянд;<br>• унсурҳои обу ҳаворо номбар кунанд;<br>• хусусияти баъзе унсурҳои обу ҳавои маҳали зисташонро бо суханони худ фаҳмонанд;<br>• вобаста ба фаслҳои сол ҳолати обу ҳаворо шарҳ диҳанд;<br>• оид ба ҳолати обу ҳавои маҳали худ маълумотнома (ҷадвал) тартиб диҳанд. |
| 11. Об дар табиат. Хосиятҳои об | Об мӯъҷизаи бебаҳои табиӣ. Се ҳолати об (сахт, моеъ, газ). Ҳодисаҳои табиие, ки ба об вобастаанд. Аҳамияти об барои табиат ва инсон. Тоза нигоҳ доштани об вазифаи ҳар яки мост! | • обро ҳамчун моддаи табиӣ шиносанд;<br>• ҳодисаҳои табиие, ки ба об вобастаанд, номбар кунанд;<br>• хосият (ҳолат)-ҳои обро дар табиат номбар кунанд;<br>• аҳамияти обро барои табиат ва инсон шарҳ диҳанд;<br>• истифодаи обро аз тарафи инсон бо мисолҳои ҳаётӣ нишон диҳанд;<br>• зарурати тоза нигоҳ |

| | | |
|---|---|---|
| | | доштани обро фаҳмонанд. |
| 12. Бойигариҳои зеризаминӣ | Ҷинсҳои кӯҳӣ. Маъданҳо (Конҳо). Канданиҳои фоиданок. Канданиҳои фоиданоки маъданӣ. Канданиҳои фоиданоки ғайримаъданӣ. Канданиҳои фоиданоки сӯзишворӣ. Аҳамияти ҷинсҳои кӯҳӣ ва канданиҳои фоиданок. | • Мафҳуми ҷинсҳои кӯҳиро шарҳ диҳанд; ҷинсҳои кӯҳии зеризаминиро номбар кунанд;<br>• соҳаи истифодаи баъзе ҷинсҳои кӯҳиро гӯянд;<br>• оид ба канданиҳои фоиданок маълумоти мухтасар диҳанд;<br>• роҳи истифодаи канданиҳои фоиданокро фаҳмонанд;<br>• аз рӯи коллексия ва расмҳо ҷинсҳои кӯҳӣ ва канданиҳои фоиданокро нишон диҳанд ва фарқ кунанд. |
| 13. Рустаниҳо ва аҳамияти онҳо | Рустанӣ – организми зинда. Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани рустаниҳо – гиёҳ, бутта ва дарахт. Хусусиятҳои гурӯҳҳои рустаниҳо. Аҳамияти рустанӣ барои табиат. Аҳамияти рустанӣ барои инсон. Ҳифзи растаниҳо. | • рустаниҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд;<br>• хусусияти гиёҳ, бутта ва дарахтонро шарҳ диҳанд;<br>• сохти умумии рустаниро фаҳмонанд;<br>• аҳамияти растаниҳоро барои табиат ва инсон бигӯянд;<br>• зарурати ҳифзи рустаниҳоро фаҳмонанд;<br>• расми яке аз рустаниро тасвир |

| | | |
|---|---|---|
| | | намоянд. |
| 14. Олами ҳайвонот | Ҳайвонҳо дар табиат. Гуногунии олами ҳайвонот. Гурӯҳҳои ҳайвонот. Аҳамияти ҳайвонот барои табиат ва инсон. Муҳофизати ҳайвонот. | • ҳайвонҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо кунанд;<br>• гурӯҳҳои алоҳидаи ҳайвонҳоро шарҳ диҳанд;<br>• аз рӯи расмҳо фарқияти байни ҳайвонҳоро муайян кунанд;<br>• аҳамияти ҳайвонотро барои табиат ва инсон фаҳмонанд;<br>• зарурати ҳифзи ҳайвонҳоро шарҳ диҳанд. |
| 15. Зимистон – фасли сармо | Зимистон – фасли сарди сол. Моҳҳои фасли зимистон. Ҳолати табиат дар фасли зимистон. Меҳнати одамон ва шуғли дӯстдоштаи бачаҳо дар фасли зимистон. Ғамхории хонандагон нисбат ба ҳайвонот дар мисоли парандагон, сохтани донхӯрак ва додани дон ба парандагон дар фасли зимистон. | • моҳҳои фасли зимистонро номбар кунанд;<br>• ҳолати табиати зинда ва ғайризиндаро дар ин фасл шарҳ диҳанд;<br>• зарурати додани дон ба парандагонро дар фасли зимистон фаҳмонанд;<br>• шуғли дӯстдоштаи худро дар фасли зимистон гӯянд;<br>• оид ба рафторҳое, ки боиси бемории одам дар фасли зимистон мегардад, маълумот диҳанд;<br>• расми манзараи зимистонро тасвир намоянд. |

| | | |
|---|---|---|
| 16. Гӯшаи зинда дар мактаб | Гӯшаи зинда чист? Ҳайвонҳоеро, ки дар гӯшаи зинда нигоҳ доштан мумкин аст. Интихоби ҷой барои гӯшаи зинда. Аҳамияти гӯшаи зинда. Ғамхорӣ нисбат ба ҳайвонҳои гӯшаи зинда. | • фаҳмиши «Гӯшаи зинда»-ро бо суханони худ шарҳ диҳанд;<br>• ҳайвонҳоеро, ки дар гӯшаи зинда ҷой додан мумкин аст, номбар кунанд;<br>• аз рӯи расм ҳайвонҳои гӯшаи зиндаро нишон диҳанд;<br>• оид ба ғамхорӣ нисбат ба ҳайвонҳои гӯшаи зинда фикрҳои худро баён кунанд. |
| 17. Ҳифзи табиат | Хатари ифлосшавии табиат. Омилҳое, ки боиси хароб ва ифлос шудани табиат гаштаанд. Роҳҳои ҳифзи табиат аз ифлосшавӣ. | • омилҳоеро, ки боиси харобии табиат мегарданд, номбар кунанд;<br>• рафтори нодурусти бачаҳоро нисбат ба табиат шарҳ диҳанд;<br>• зарурати ҳифзи табиатро фаҳмонанд;<br>• роҳҳои ҳифзи табиати маҳали худашонро бо мисолҳо нишон диҳанд.<br>• дар ҳифзи табиати маҳали худ саҳм гузоранд. |
| **Боби III. Саломатӣ ва бехатарии ҳаёт** | | |
| 18. Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст? | Узвҳои бадани одам. Узвҳои берунии бадани одам. Узвҳои дохилии бадани одам. | • узвҳои асосии бадани одамро номбар кунанд;<br>• узвҳои бадани одамро ба узвҳои берунӣ ва дохилӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | Вазифаи узвҳои дохилӣ ва берунии бадани одам.<br>Алоқамандии байниҳамдигарии узвҳои бадани одам. | ҷудо кунанд;<br>• вазифаи узвҳои берунӣ ва дохилии бадани одамро ба таври одӣ шарҳ диҳанд;<br>• аз рӯи расму тасвирҳо узвҳои бадани одамро нишон диҳанд ва тасвир намоянд; |
| 19. Беҳдошти саломатӣ | Саломатӣ чист? Қоидаҳои беҳдошти саломатӣ.<br>Обутоб додан ва тоза нигоҳ доштани бадан, омили асосии беҳдошти саломатӣ.<br>Ашёҳои гигиенаи шахсӣ.<br>Истифодаи тарзи дурусти ашёи гигиенаи шахсӣ. | • қоидаҳои нигоҳ доштани саломатиро номбар кунанд;<br>• реҷаи одии шабонарӯзии худро шарҳ диҳанд;<br>• зарурати варзиши пагоҳирӯзӣ, шустани дастон ва тоза намудани дандонҳоро гӯянд;<br>• тарзи дурусти истифодаи ашёи гигиенаи шахсиро фаҳмонанд;<br>• донишҳои бадастовардаро дар ҳаёт истифода баранд. |
| 20. Ҳаётатро зери хавф нагузор! | Бехатарии ҳаракат дар роҳ чист? Аломатҳои идоракунандаи ҳаракат дар роҳ.<br>Чароғаки роҳнамо.<br>Вазифаи аломатҳои ҳаракат дар роҳ | • аломатҳои бехатарии ҳаракат дар роҳро номбар кунанд;<br>• вазифаҳои аломатҳои роҳ ва рангҳои чароғаки роҳнаморо фаҳмонанд;<br>• ҳангоми гузаштан аз |

| | | |
|---|---|---|
| | ва рангҳои чароғаки роҳнамо. Роҳро аз кучо бояд гузашт? | роҳҳои мошингард ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ риоя кунанд;<br>• расми чароғаки роҳнаморо кашида, бо қалами ранга оро диҳанд. |
| 21. Офатҳои табиӣ ва хатари онҳо | Мафҳуми «Офати табиӣ». Сабабҳои бавуҷудоии офатҳои табиӣ. Зарари офатҳои табиӣ. Роҳҳои пешгирии офатҳои табиӣ. | • офатҳои табииро номбар кунанд;<br>• хусусияти бааммалоии онҳоро ба таври одӣ шарҳ диҳанд;<br>• оид ба зарари офатҳои табиӣ аз ҳаёт мисолҳои мушаххас оранд;<br>• зарурати эҳтиёткор будани одамро нисбат ба офатҳои табиӣ фаҳмонанд;<br>• дар ҳаёт аз офатҳои табиӣ худро ҳифз кунанд. |
| 22. Аз сӯхтор эҳтиёт шавед! | Сӯхтор – харобиовар. Сабабҳои сар задани сӯхтор. Кадом асбоб ва таҷҳизоти рӯзгор метавонанд сӯхторро ба вуҷуд оранд. Тарзи дурусти муносибат бо асбобҳои сӯхторангезанда. Рафтори дуруст ҳангоми сар задани сӯхтор. | • сабабҳои сар задани сӯхторро номбар кунанд;<br>• оид ба асбобҳо ва таҷҳизоти рӯзгор, ки боиси сар задани сӯхтор мегарданд, маълумот диҳанд;<br>• тарзи дурусти муносибатро бо онҳо фаҳмонанд.<br>• дар вақти сӯхтор ба ҷои даркорӣ занг зананд ва худро дар ҷои бехатар гиранд;<br>• дар хона, мактаб ва |

| | | |
|---|---|---|
| | Огоҳ кардани хизматрасонии зиддисӯхтор. | ҳангоми саёҳат қоидаҳои зидисӯхторро риоя кунанд. |
| 23. Аз ҳайвонот, наботот ва замбӯруғҳои заҳрнок эҳтиёт шавед! | Ҳайвоноти заҳрдор.<br>Наботот ва замбӯруғҳои заҳрнок.<br>Роҳҳои ҳифз аз заҳролудшавии мавҷудоти заҳрнок. | • ҳайвонот, наботот ва замбӯруғҳои заҳрнокро номбар кунанд;<br>• хусусиятҳои хатарнокии онҳоро барои одам шарҳ диҳанд;<br>• роҳҳои муҳофизатро аз мавҷудоти заҳрнок нишон диҳанд;<br>• расми яке аз мавҷудоти заҳрнокро интихобан тасвир кунанд. |
| 24. Фасли баҳор | Баҳор – арӯси сол. Аломатҳои фасли баҳор.<br>Ҳолати табиат дар фасли баҳор.<br>Шуғли одамон дар фасли баҳор. | • баҳорро ҳамчун фасли сол номбар кунанд;<br>• ҳолати қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиатро дар фасли баҳор фаҳмонанд;<br>• аз рӯи расм аломатҳои баҳорро шарҳ диҳанд;<br>• оид ба шуғли одамон дар фасли баҳор маълумот диҳанд;<br>• аз тахайюл (фантазия)-и худ истифода бурда, оид ба фасли баҳор иншои хурд нависанд. |

| Боби IV. Табиат ва одоби мо | | | |
|---|---|---|---|
| 25. | Дар муносибат бо табиат боодоб бошед! | Мафҳуми боодобӣ нисбат ба табиат. Табиатро эҳтиёт кунед. Аҳамияти муносибати дуруст бо унсурҳои табиат. Ҳифзи табиати маҳали зисти худ. | • фаҳмиши боадабиро нисбат ба табиат бо суханони худ шарҳ диҳанд;<br>• қоидаҳои боодоб буданро нисбат ба табиат номбар кунанд;<br>• аҳамияти муносибати боодобонаро нисбат ба табиат шарҳ диҳанд;<br>• ба табиат рафтори дуруст кунанд. |
| 26. | Муносибати оила бо муҳити зист. | Муносибати хонавода бо табиат чӣ гуна буда метавонад? Таъсири мусбату манфии оила ба муҳити зист. Тарзи дурусти муносибати хонавода бо табиати атроф. Аҳамияти муносибати дурусти оила дар беҳдошти ҳолати табиати кишвар ва маҳали зисти худ. | • муносибати мусбат ва манфии хонаводаро нисбат ба табиат гӯянд;<br>• рафтори дуруст ва нодурусти хонаводаро нисбат ба табиат фарқ кунанд;<br>• тарзи муносибати дурусти аъзоёни оиларо нисбат ба табиати атрофи худ фаҳмонанд;<br>• дар амалӣ шудани тарзи дурусти муносибати оила бо табиат саҳм гузоранд. |
| 27. | Муносибати мо бо муҳити табиии мактаб | Муҳити табиии мактаб чист? Боғ, роҳравҳо ва гулгаштҳои мактаб. Қитъаи таҷрибавии | • унсурҳои табиати мактабро номбар кунанд;<br>• хусусият ва аҳамияти унсурҳои табиати мактабро шарҳ диҳанд; |

| | | |
|---|---|---|
| | мактаб.<br>Қоидаҳои рафтори дуруст оид ба ҳифзи муҳити табиии мактаб. | • қоидаҳои рафтори дурустро дар муҳити табиии мактаб фаҳмонанд;<br>• дар муҳити табиии мактаб ба қоидаҳои одобу ахлоқ риоя кунанд. |
| 28. Одоби рафтор дар боғу гулгаштҳо | Боғ ва гулгашт чист?<br>Аҳамияти боғу гулгаштҳо барои истироҳат ва фароғати мардум.<br>Дар боғу гулгаштҳо чӣ гуна бояд рафтор кард?<br>Рафтори бачаҳое, ки боиси харобии гулгаштҳо мегардад. | • Аҳамияти боғу гулгаштҳоро дар зебу зиннати маҳали зист ва барои истироҳати одамон фаҳмонанд;<br>• рафтори дуруст ва нодурусти бачаҳоро дар чунин ҷойҳо шарҳ диҳанд;<br>• ҳангоми сайру гашт дар боғу гулгаштҳо ба қоидаҳои одобу рафтор риоя намоянд;<br>• дар боғу гулгаштҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ҳурмати калонсолонро ба ҷо оранд. |
| **Боби V. Сайёраи Замин** | | |
| 29. Сатҳи Замин чӣ гуна аст? | Релйеф.<br>Шаклҳои релйеф.<br>Хосияти кӯҳҳо.<br>Хосияти ҳамвориҳо.<br>Фарқи шаклҳои релйеф аз рӯйи аломатҳо. | • шаклҳои асосии релйефи Заминро номбар кунанд;<br>• хосияти шаклҳои релйефро бо суханони худ шарҳ диҳанд;<br>• аз рӯи расм кӯҳ ва ҳамвориҳоро нишон диҳанд;<br>• аз рӯи хосиятҳо шаклҳои релйефро |

| | | |
|---|---|---|
| | | аз ҳам фарқ кунанд;<br>• расми ягон шакли релйефро тасвир намоянд. |
| 30. Қитъаҳои олам | Қитъаҳои олам. Қисмҳои калони хушкӣ. Қитъаҳо чандтоянд? Фарқи қитъаҳо аз рӯи хосиятҳо. Машҳур будани қитъаҳои олам аз ягон ҷиҳат. Қитъаҳо дар харитаи ҷаҳон. | • қитъаҳоро номбар кунанд;<br>• аз рӯи аломаташон қитъаҳоро аз ҳамдигар фарқ кунанд;<br>• аз кадом ҷиҳат машҳур будани қитъаҳои алоҳидаро гӯянд;<br>• бо ёрии омӯзгор онҳоро аз харитаи ҷаҳон нишон диҳанд;<br>• қитъаҳои оламро бо рангҳои гуногун оро диҳанд. |
| 31. Давлатҳои ҷаҳон | Давлатҳо дар харитаи ҷаҳон. Фарқи давлатҳои ҷаҳон аз рӯи аломатҳо. Давлатҳои калонтарини ҷаҳон. | • баъзе давлатҳои ҷаҳонро номбар кунанд;<br>• аломатҳои фарқкунандаи ин давлатҳоро шарҳ диҳанд;<br>• давлатҳоро аз харита нишон диҳанд ва дар харитаи тарҳӣ ранг кунанд. |
| 32. Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон | Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе. Ҳамсояҳои Тоҷикистон. Қитъае, ки Тоҷикистон дар он ҷойгир аст. | • ҳамсоядавлатҳои Тоҷикистонро номбар кунанд;<br>• дар кадом қитъа ҷойгир будани Тоҷикистонро гӯянд;<br>• Тоҷикистон ва пойтахти он – |

| | | |
|---|---|---|
| | | шаҳри Душанберо аз харитаи Тоҷикистон нишон диҳанд. |
| 33. Тобистон – фасли гармо | Тобистон – фасли гарми сол.<br>Аломатҳои фасли тобистон.<br>Шуғли одамон дар тобистон.<br>Тобистон фасли меваю сабзавот ва истироҳати одамон. | • ҳолати қисмати ғайризинда ва зиндаи табиатро дар фасли тобистон фаҳмонанд;<br>• аз рӯи расм аломатҳои тобистонро шарҳ диҳанд;<br>• оид ба шуғли одамон дар фасли тобистон маълумот диҳанд; |
| 34. Дар таътили тобистона мо чӣ кор мекунем? | Таътил давраи фароғату омӯзиш.<br>Нақшаҳо барои фасли тобистон.<br>Таъмини бехатарӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои таътили тобистона. | • корҳое, ки дар фасли тобистон иҷро менамоянд, номбар кунанд;<br>• барои фасли тобистон нақша тартиб диҳанд;<br>• аз рӯи нақшаи тартибдода амал намоянд;<br>• роҳҳои бехатари гузаронидани таътили тобистонаро шарҳ диҳанд. |

# IV. ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ

**Намунаи нақшаи тақвимӣ**

| Т/р | Мавзӯъҳо | Микдори соат | Муддати иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| НИМСОЛАИ 1 (17 соат) | | | | |
| ***Боби 1. Тоҷикистон - Ватани маҳбуби мо (4 соат)*** | | | | |
| 1. | Тоҷикистон Ватани мост | 1 | | |
| 2. | Табиати шаҳр ва деҳот | 1 | | |
| 3. | Манзараҳои нотакрори табиати кишвари мо | 1 | | |
| 4. | Ҷашнҳои миллӣ – Наврӯз ва Меҳргон | 1 | | |
| ***Боби 2. Табиат ва гуногунии он (13 соат)*** | | | | |
| 5. | Қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат | 1 | | |
| 6. | Ашёи табиӣ ва сунъӣ | 1 | | |
| 7. | Дар бораи осмону ситораҳо чӣ медонем? | 1 | | |
| 8. | Тирамоҳ – фасли заррини сол | 1 | | |
| 9. | Ҳодисаи табиӣ чист? | 1 | | |
| 10. | Чаро обу ҳаво тағйир меёбад? | 1 | | |
| 11. | Об дар табиат. Хосиятҳои об | 1 | | |
| 12. | Бойигариҳои зеризаминӣ | 1 | | |
| 13. | Рустаниҳо ва аҳамияти онҳо | 1 | | |
| 14. | Олами ҳайвонот | 1 | | |
| 15. | Зимистон – фасли сармо | 1 | | |
| 16. | Гӯшаи зинда дар мактаб | 1 | | |
| 17. | Ҳифзи табиат | 1 | | |
| НИМСОЛАИ 2 (17 соат) | | | | |
| ***Боби 3. Саломатӣ ва бехатарии ҳаёт (7 соат)*** | | | | |
| 18. | Бадани одам аз кадом узвҳо иборат аст? | 1 | | |
| 19. | Беҳдошти саломатӣ | 1 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 20. | Ҳаётатро зери хавф нагузор! | 1 | | |
| 21. | Офатҳои табиӣ ва хатари онҳо | 1 | | |
| 22. | Аз сӯхтор эҳтиёт шавед! | 1 | | |
| 23. | Аз ҳайвонот, набобот ва занбӯруғҳои заҳрдор эҳтиёт шавед! | 1 | | |
| 24. | Фасли баҳор | 1 | | |
| ***Боби 4. Табиат ва одоби мо (4 соат)*** | | | | |
| 25. | Дар муносибат бо табиат боодоб бошед! | 1 | | |
| 26. | Муносибати оила бо муҳити зист | 1 | | |
| 27. | Муносибати мо бо муҳити табиии мактаб | 1 | | |
| 28. | Одоби рафтор дар боғу гулгаштҳо | 1 | | |
| ***Боби 5. Сайёраи Замин (6 соат)*** | | | | |
| 29. | Сатҳи Замин чӣ гуна аст? | 1 | | |
| 30. | Қитъаҳои олам | 1 | | |
| 31. | Давлатҳои ҷаҳон | 1 | | |
| 32. | Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳон | 1 | | |
| 33. | Тобистон – фасли гармо | 1 | | |
| 34. | Дар таътили тобистона мо чӣ кор мекунем? | 1 | | |

**Намунаи банақшагирии дарси яксоата**

**Боби 2. «Табиат ва гуногунии он»**

**Мавзӯъ. Қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиат (1 соат)**

**Мақсади умумӣ.** Инкишофи дониши таълимгирандагон оид ба аломатҳои табиати ғайризинда ва зинда. Ташаккули малакаҳои мушоҳида, муқоиса, таҳлил ва хулосабарорӣ, кор бо маълумот ва истифодаи ҷадвалҳо бо хонандагон.

**Натиҷаҳои таълим (мақсадҳои мушаххас).** Баробари омӯзиши мавзӯъ хонандагон бояд;

- аломатҳои қисмати ғайризиндаи табиатро гӯянд;
- аломатҳои қисмати зиндаи табиатро номбар кунанд;
- аз рӯйи хосияту аломатҳо фарқи қисмати ғайризинда аз зиндаи табиатро фаҳмонанд;
- аз рӯйи расму тасвирҳо унсурҳои қисмҳои ғаризинда ва зиндаи табиатро нишон диҳанд;
- расми намунаи қисмҳои ғайризинда ва зиндаи табиатро тасвир кунанд.

**Маводи таълим.** Овезаҳо бо расму тасвирҳои қисмати ғайризинда ва зиндаи табиат, коғазу қалам, китоби дарсӣ бо тасвири ҷадвали дубахша, албом ва қаламҳои ранга.

**Методҳои таълим.** Масъалагузорӣ, пурсиш-посух, кор бо мафҳумҳо ва воситаҳои навишторӣ, лексияи хурд, суҳбат, кори дунафарӣ, тасвири мавзӯи омӯзиш.

**РАВИШИ ДАРС:**

***<u>Қадами 1.</u>*** Навиштани номи намунаҳои табиати ғайризинда ва зинда. Масъалагузорӣ дар гурӯҳҳои дунафара аз рӯйи мафҳумҳо. Кор бо ҷадвал **- 15 дақиқа.**

⇒ Мафҳумҳои зерин дар тахтаи синф навишта мешаванд:

- санг – ғайризинда
- дарахт –
- хок –
- гов –
- гӯсфанд –
- ангишт –
- одам – зинда
- оҳан –
- мошин –
- Офтоб –
- моҳӣ –
- шабпарак –
- Моҳтоб –
- занбӯр

- дучарха ва ғайра.

⇒ Кори дунафарӣ. Ба хонандагон чунин супориш дода мешавад:

– *дунафарӣ маслиҳат намуда, мафҳумҳои дар тахта навишташударо ба табиати зинда ва ғайризинда ҷудо кунед.*

⇒ Ҷавоби талабагонро шунида, дар тахта ҷадвали зеринро тасвир кунед ва мафҳумҳоро дар он ҷобаҷо гузоред.

Намунаи ҷадвал аз рӯйи ҷавоби хонандагон:

| Қисми ғайризиндаи табиат | Қисми зиндаи табиат |
|---|---|
| • Санг<br>• Хок<br>• Ангишт<br>• Оҳан<br>• Мошин<br>• Моҳтоб<br>• Дучарха | • Гов<br>• Дарахт<br>• Гӯсфанд<br>• Одам<br>• Моҳӣ<br>• Шабпарак<br>• Занбӯр |

***<u>Қадами 2.</u>*** Лексияи хурд бо хелҳои гуногуни суҳбат. Кор аз рӯйи расму тасвирҳо - шиносоӣ бо хосият ва аломатҳои қисмати ғайризинда ва зиндаи табиат - **10 дақиқа.**

⇒ Мазмуни мухтасари лексияи хурд (суҳбат):

– *Рустаниҳо, ҳайвонот, парандаҳо, боришот, абрҳо, вазидани шамол, дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо, кӯҳҳо ва тирукамон ин ашё ва ҳодисаҳои табиат мебошанд.*

– *Он чизҳое, ки аз тарафи инсон офарида шудаанд ба ашёи табиат дохил намешаванд.*

– *Табиат ба қисмҳои ғайризинда ва зинда ҷудо мешавад.*

– *Нашъу нумӯ танҳо ба қисмати зиндаи табиат хос аст. Қисмати зиндаи табиат ғизо мегирад, нафас мекашад, месабзад, зиёд мешавад ва мефавтад.*

– *Ба қисмати ғайризиндаи табиат об, ҳаво, хок, санг, ашёи аз ҷониби одам сохташуда ва ғайра дохил мешаванд.*

– *Қисмати ғайризинда ва зиндаи табиат бо ҳамдигар зич алоқамананд.*

– *Бе ҳаво, об, гармӣ ва равшании Офтоб инсон, растаниҳо ва ҳайвонҳо вуҷуд дошта наметавонанд.*

–

***Қадами 3.*** Лаҳзаи дамгирӣ - **5 дақиқа.**

⇒ Ба хотири бартараф намудани хастагии хонандагон, интихобан ягон бозӣ гузаронида мешавад.

***Қадами 4.*** Мустаҳкамкунии донишу малакаи хонандагон - **5 дақиқа.**

⇒ Оид ба масъалаҳои асосии мавзӯъ бо хонандагон саволу ҷавоб гузаронда, дониши онҳо мустаҳкам карда мешавад.

***Қадами 5.*** Навиштани мафҳумҳои асосии дарс - **5 дақиқа.**

⇒ Мафҳумҳои асосии дарс дар тахтаи синф навишта мешаванд ва хонандагон онҳоро ба дафтарашон рӯйнавис мекунанд.

Мафҳумҳо:

- *Қисмати ғайризиндаи табиат;*
- *Қисмати зиндаи табиат;*
- *Алоқамандии қисмати ғайризинда ва зиндаи табиат.*

***Қадами 6.*** Хулоса ва ҷамъбасти дарс - **2 дақиқа.**

***Қадами 7.*** Арзёбӣ - **2 дақиқа.**

⇒ Барои фаъолияташон хонандагон бо суханони рӯҳбаландкунанда қадр карда мешаванд.

***Қадами 8.*** Супориши вазифаи хонагӣ - **1 дақиқа.**

⇒ Супориш ба хона:

- *Интихобан, расми ягон намунаи қисмати ғайризинда ва зиндаи табиатро тасвир кунанд.*

### Тарзи истифодаи маводи таълимӣ ва китоби дарсӣ

Омӯзиши фанни «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) дар асоси маводи гуногуни таълимӣ ва китоби дарсӣ ба роҳ монда мешавад. Мушоҳидаҳои бевоситаи объектҳои олами атроф, овезаҳо бо расму тасвирҳои табиати ғайризинда ва зинда, сӯробу қолабҳо, маводҳо дар шакли варақа, наворҳои садоию синамоӣ ва истифодаи «Гӯшаи зинда» ҷараёни таълимро шавқовар мегардонанд.

Китоби дарсии «Табиатшиносӣ» (Олами атрофи мо) барои синфи 2 бояд ба хонандагон донишҳоро оид ба табиат ва

олами атроф асосан дар шакли расму тасвирҳо пешниҳод намояд.

Китоби дарсӣ бояд аз нуқтаи назари педагогӣ ва психологӣ ба синну соли хонандагон мувофиқ бошад. Матн ва бахшҳои он бо мақсадҳои зерини донишандӯзӣ: муайян кардани хусусияти мавзӯи омӯзиш, муқоиса, таҳлил, баёни таассуроти шахсӣ, тасвири объектҳо, алоқаманд намудани мазмуни таълим бо ҳаёти воқеӣ ва ғайра истифода бурда шаванд.

Китоби дарсӣ ва то чӣ андоза аз он самаранок истифода бурдани хонандагон ба маҳорати педагогии омӯзгор вобаста аст. Дар ҷараёни банақшагирии дарс омӯзгор бояд ҳамаи маводи таълимии китобро ба назар гирифта, инчунин аз маводи иловагӣ истифода барад.

Алоқаманд намудани маводи омӯзиш бо ҳаёти воқеӣ (чизи дидаю шунидаи хонандагон ва истифодаи он дар раванди дарс) самаранокии таълимро меафзояд.

### Қоидаҳои асосӣ ва методҳои таълими табиатшиносӣ

*Қоидаҳои асосии таълими табиатшиносӣ* аз якчанд силсилаҳои бо ҳам алоқаманд иборатанд ва ҳар яки он муносибати байни хонандаю омӯзгорро ба таври зайл муайян мекунад:

- ✓ илмӣ ва дастрасии таълим;
- ✓ пайдарҳамӣ дар таълим ва алоқамандии он бо амалия;
- ✓ завқманд ва фаъол будани хонандагон ба раванди таълим;
- ✓ аёният дар таълим;
- ✓ кишваршиносӣ дар таълим.

Дар ҳар як фанни таълимӣ вобаста ба хусусиятҳои худ ин қоидаҳо истифода мешаванд. Ҳангоми таълими табиатшиносӣ дар синфи 2 дараҷаи ҷаҳонбинии илмии таълимгирандагон инкишоф дода мешавад.

Ҳангоми интихоби дурусти мавод дараҷаи инкишофи ҷаҳонбинии хонандагонро ба эътибор гирифтан бамаврид аст.

Моҳияти қоидаи *пайдарҳамӣ* дар он аст, ки омӯзиши ҳаррӯза чун силсила пайдарҳам аз рӯйи қонунияти муайян ба амал бароварда мешавад. Ин омӯзгорро вазифадор менамояд, ки ба пайдарҳамии таълим ва тартиби мавзӯъҳо риоя намуда,

дар асоси навигариҳои илм, шавқу ҳаваси хонандагонро ба шинохти табиат ва экология зиёд кунад.

Ҳангоми истифодаи *аёният дар таълим* ба омӯзгор зарур аст, ки моҳияти мавзӯъро дар таълими табиатшиносӣ бо маҳорати баланди касбӣ муайян намояд. Дар дарсҳои табиатшиносӣ аз воситаҳои аёнии тасвирӣ (расм, суратҳо, кинофилм, диафилм, диапозитивҳо), нақша, диаграмма ва ашёи табиӣ истифода кардан бамаврид аст.

*Кишваршиносӣ* олами ҳастии табиатро аз нуқтаи назари географӣ, геологӣ, таърихӣ, биологӣ ва мардумшиносӣ меомӯзад. Аз ин хотир, кишваршиносӣ ба омӯзиши табиатшиносӣ ва экология кӯмак мерасонад. Омӯзгор бо мақсади васеъ намудани ҷаҳонбинии хонандагон аз ашёи маҳаллӣ истифода бурда, тафаккури талабагонро инкишоф медиҳад. Кишваршиносӣ аз ду давра иборат аст:

1. Ҷамъоварии маводи маҳал.
2. Истифодаи мавод дар раванди дарс.

Зери мафҳуми ***методҳои омӯзиш*** дар дидактика роҳҳои мусаллаҳшавии хонандагон бо дониш, малакаю маҳорат, васеъшавии ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи донишандӯзии онҳо бо роҳбарии омӯзгор фаҳмида мешавад.

Ҳангоми омӯзиши табиатшиносӣ аз усулҳои гуногун истифода мебаранд. Дар баробари методҳои анъанавӣ дар омӯзиши фан аз методҳои интерактивии таълим ва омӯзиш истифода кардан баманфиат мебошад.

Методҳои ***интерактивии омӯзиш*** – ин ҳамкориро (ё муносибати байниҳамдигариро) байни омӯзгор ва хонанда, хонанда бо хонанда, инчунин хонанда ва омӯзгор талаб мекунанд. «Интерактив» аз калимаи англисии «интеракт» гирифта шуда, «интер» - якҷоя ва «акт» - амал, кор, фаъолият кардан мебошад. Методи интерактивии таълим ва омӯзиш аз хонанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад.

*Меъёрҳои асосии модели интерактивии таълим ва омӯзиш аз инҳо иборатанд:*

- имконияти муҳокимарониҳо ва пешниҳоди озоди мавзӯъ;
- вазъхонии ками омӯзгор;
- шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ;
- ташаббускорӣ аз тарафи хонанда;

- шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд;

- иҷрои корҳои хаттӣ.

**Оё методи интерактивии таълимро бо методҳои интерактивӣ ва анъанавӣ муқобил гузоштан мумкин аст?**

Он нуқтаи назар, ки гӯё танҳо ду методи таълим мавҷуд аст, хатост. Методҳои зиёде мавҷуданд, ки онҳо бо тарзҳои муносибати байниҳамдигарии хонандагон аз якдигар фарқ мекунанд. Агар шумо, ҳатто ҳангоми кор бо китоби дарсӣ пеш аз супоридани кори хаттӣ аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ягон масъалаеро дар гурӯҳҳои дунафара муҳокима кунанд, ин маънои онро дорад, ки шумо аз методи интерактивӣ истифода кардед. Ҳамзамон агар шумо фаъолиятҳоятонро аз ҳамин нуқтаи назар таҳлил намоед, пас мебинед, ки шумо пештар низ қисматҳои омӯзиши якҷоя ва ҳамкориро истифода мебурдед. Қисме аз омӯзгорон чунин мепиндоранд, ки оё беҳтар нест, ки аз истифодаи методҳои анъанавӣ даст кашем? Албатта, не. Зеро мақсад он аст, ки методу тарзҳои таълимдиҳии омӯзгорро рангинтару фаъолтар гардонем. Омӯзгор бояд дар давоми як дарс дар ҳолатҳои мувофиқ ҳам аз методҳои интерактивӣ ва ҳам анъанавӣ истифода намояд.

**Методи баёнӣ.** Сарчашмаи асосии донишандӯзии хонандагон ҳангоми истифодаи ин метод сухан (нутқ) мебошад. Суханро омӯзгор ҳангоми суҳбат, кор аз рӯйи китоби дарсӣ ва нақл бештар истифода мебарад.

**Методи аёнӣ.** Истифодаи ин метод боиси он мегардад, ки хонандагон мавзӯъро бо истифодаи маводи аслӣ (он чизе, ки дар табиат бо чашми худ мебинанд), расму ҷадвал, нусха (суроб), харита, глобус ва дигар аёниятҳои таълимӣ аз худ мекунанд.

**Методи амалӣ.** Асоси ин методро фаъолияти амалии хонандагон ташкил медиҳад. Дар омӯзиши табиат корҳои амалиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

-*корҳои амалие, ки дар маҳал гузаронида мешаванд:* ба нақшагирии маҳал, муайян кардани ҳолати обу ҳаво, ченкунии васеъгию чуқурии ҷӯй ва ғайра;

- *корҳои амалие, ки дар синф гузаронида мешаванд:* аз оби ифлос ҳосил кардани оби соф, кор аз рӯйи мушоҳидаҳои гузаронидашуда, расондани ёрии аввалин ба ҷабрдидагон ва ғайра.

Ҳамаи методҳо ва шаклҳои таълим бояд ба инкишофи мустақилият ва эҷодкории хонандагон кӯмак намуда, азхудкунии дониш, баландбардории малака ва маҳорати онҳоро таъмин кунанд.

Дар интихоби шаклу методҳои таълим омӯзгор озод аст. Истифодаи методҳои гуногун дарсро шавқовар намуда, азхудкунии маводи омӯхташавандаро осон мегардонад.

**Хулоса:**

- метод ба омӯзгор роҳи ба кӯдакон омӯзонидани донишро нишон медиҳад;
- метод муайянкунандаи шаклу мазмуни таълим аст;
- метод воситаи алоқаманд намудани фаъолияти омӯзгору хонанда мебошад.

**Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ**

Табиат ҳамеша либоси нав ба бар мекунад. Баробари иваз шудани фаслҳои сол табиат низ тағйир меёбад, ки ин аз назари кӯдакон пинҳон намемонад.

Мушоҳида дар дарсҳои табиатшиносӣ яке аз қисмҳои таркибии кори таълимӣ ба шумор меравад. Барои он ки мушоҳидаҳо аҳамияти таълимӣ пайдо кунанд, онҳоро муаллим бояд бодиққат фикр карда, ба дуруст ташкил кардани мушоҳидаҳо ҳаракат намояд. Пеш аз ҳама, ду навъи мушоҳидаи таълимиро фарқ карда тавонистан лозим аст:

1. Ашё ва ҳодисаҳои омӯхташавандаро дар шакли табииашон мушоҳида кардан;
2. Зимни таҷриба ҳодисаҳои омӯхташавандаро ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда, мушоҳида намудан.

Ин ду шакли мушоҳидаро дар дарс ва ё берун аз он ташкил кардан мумкин аст. Масалан, дар «Гӯшаи зиндаи синф» аквариум ва рустаниҳои хонагӣ мавҷуданд, ки дар заминаи онҳо тарзи сабзиши рустанию зиндагии ҳайвоноти обӣ дар як муддати кӯтоҳ мушоҳида карда мешавад. Дар дарсҳои таҷрибавӣ бошад, дар давоми як дарс дараҷаи обгузаронии хокҳои гуногунро мушоҳида кардан мумкин аст.

Мушоҳидаи ҳодисаҳои мавсимии табиат, сабзиш ва тарзи зиндагии рустанию ҳайвонот вақти зиёдро талаб мекунад.

Мушоҳидаи таълимӣ чунин мушоҳидаест, ки онро худи хонандагон аз рӯйи супориши омӯзгор иҷро мекунанд. Саволҳо бояд хонандагонро барои муайян кардани хосият ва

ҷиҳатҳои муҳими ашёи омӯхташаванда ба фикр кардан водор намоянд.

Равиши мушоҳидаро чунин ташкил кардан мумкин аст:

1. Дар назди хонандагон гузоштани вазифаҳо.
2. Ҷараёни мушоҳида ва ёфтани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда.
3. Мустаҳкам кардани донишҳои дар ҷараёни мушоҳида бадастомада (аз рӯйи суҳбати омӯзгор бо хонандагон).
4. Хулосабарорӣ ва ҷамъбаст.

Дар омӯзиши табиатшиносӣ чунин мушоҳидаҳоро ба роҳ мондан мумкин аст:

– хазоншавии барги дарахтони маҳал ва қайди онҳо дар дафтари «Мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ»;
– ҳарорати шабонарӯзии ҳаво;
– вазиши бод (қувваи бод, самти бод);
– хелҳои боришот дар фаслҳои сол;
– бориши барфи аввали сол;
– кори занбӯри асал ва захираи зимистонаи он;
– парандаҳои мавсимӣ ва муқимии маҳал;
– сабзиши майсаи гандум;
– фарқи байни алаф, бутта ва дарахт;
– кушодашавии муғҷаҳои рустанӣ;
– дар кадом ҳарорат ба кор шурӯъ кардани мӯрчаҳо;
– лонасозии парандаҳо;
– пухтани меваи рустанӣ;
– хӯрокдиҳии парандаҳо ба чӯҷаҳояшон;
– аз кирмина ба зоча ва шабпараки болиғ табдил ёфтани ҳашарот;
– вазъи экологии маҳал.

Вобаста ба талаботи барнома ва имконоти шароити маҳал омӯзгор бояд пешакӣ ҷой ва ашёву ҳодисаҳои мушоҳидашавандаро интихоб карда, натиҷаи онро муайян намояд. Ҳангоми мушоҳида хонандагон на танҳо чизеро мебинанд, балки бо хусусияту сохти он шинос мешаванд.

Мушоҳидаи табиат узвҳои ҳисро инкишоф дода, ба қобилияти дарккунии хонандагон мусоидат менамояд. Аз тарафи дигар, мушоҳида имконият медиҳад, ки хонандагон маводи дидаашонро таҳлил кунанд, сабабҳои бо ҳам алоқамандии ашёву ҳодисаҳоро донанд.

Натиҷаи мушоҳидаҳо дар «Дафтари мушоҳидаҳо аз табиатшиносӣ» ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар моҳ ва дар давоми сол қайд карда мешаванд.

**Намоиш додани таҷриба дар таълими табиатшиносӣ**

Намоишдиҳӣ дар дарсҳо бояд дар шакли таҷриба ҳам истифода шавад. Хонандагон ҳангоми мушоҳидаи таҷрибавӣ ё дар вақти гузарондани корҳои лабораторӣ худашон таҷриба мегузаронанд. Ҳангоми намоишдиҳӣ хонандагон натиҷаи таҷрибаи гузаронидаи омӯзгорро мушоҳида мекунанд. Таҷрибаро тавре намоиш додан лозим аст, ки хонандагон дар рафти мушоҳидаи он хулосаи зарурӣ бароварда тавонанд. Дуруст ба роҳ мондани кори намоишдиҳӣ талаб мекунад, ки пешакӣ дар назди хонандагон саволҳо гузошта шаванд. Омӯзгор дар вақти намоиш додани таҷриба аз хонандагон бояд талаб кунад, ки натиҷаи онро пешгӯӣ кунанд ва ҳар гуна тахминҳо намоянд.

Барои гузаронидани таҷриба корҳои зеринро ба анҷом расонидан зарур аст:

- тайёрии омӯзгор барои таҷрибагузаронӣ;
- интихоби ҷой барои гузаронидани таҷриба;
- намоишдиҳӣ дар ҷараёни таҷриба;
- саволу ҷавоб ва иҷрои супоришҳо аз рӯйи таҷриба.

**Саёҳат дар таълими табиатшиносӣ**

Саёҳат дар таълими фанни «Табиатшиносӣ» барои аз худ кардани мазмуни курси табиатшиносӣ аҳамияти таълимию тарбиявӣ дорад. Хусусан, саёҳат бобати мустаҳкам намудани алоқаи таълими табиатшиносӣ бо ҳаёт нақши муҳим мебозад. Хонандагон ҳангоми саёҳат ба табиат ва фаъолияти хоҷагидории аҳолии маҳалашон шинос мешаванд. Нақши саёҳат дар тарбияи эстетикӣ ва ҳисси табиатдӯстии хонандагон низ муҳим аст.

Дарсҳои саёҳатиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Саёҳат ба табиат - бо мақсади мушоҳида ва омӯзиши ашёю ҳодисаҳои табиӣ;
2. Саёҳат ба истеҳсолот - бо мақсади шиносоӣ пайдо кардан бо роҳу усулҳои истеҳсоли маҳсулот;
3. Саёҳат ба осорхонаҳо – бо мақсади шинос шудан бо гуногунии олами наботот ва ҳайвонот, сарватҳои зеризаминӣ ва дастовардҳои хоҷагии халқ.

Гузаронидани саёҳат аз чунин зинаҳо иборат мебошад;
- тайёрии омӯзгор барои ташкил ва гузарондани саёҳат:
- муайян кардани мавзӯъ, мақсад ва ҷойи саёҳат;
- шиносоии пешакии омӯзгор бо макон ва олами ҳастии омӯхташаванда;
- суҳбати пешакии омӯзгор бо мутахассиси маҳаллӣ;
- тайёр кардани нақшаи саёҳат.

✓ Тайёрии хонандагон ба саёҳат:
- бо худ гирифтани маводи зарурӣ барои саёҳат;
- иҷрои супоришҳое, ки омӯзгор пеш аз саёҳат дода буд.

✓ Ҷараёни саёҳат:
- шинос намудани хонандагон бо мавзеи саёҳат ва супоридани супоришҳо аз рӯйи нақша;
- иҷрои супоришҳо ва ҷамъоварии маълумот.

✓ Ҷамъбасти саёҳат:
- ҷамъ намудани маводи ҳангоми саёҳат бадастомада;
- хулосабарорӣ аз ҷараёни саёҳат.

## АДАБИЁТ

1. Акрамов С. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе «Маориф», 1987.
2. Барномаи синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, «Матбуот», 2002.
3. Вахрушев А. А. Бкрский О. В. Раутиан. Окружающий мир. Мир и человек. Земля. Части света. 2 кл. В 2 ч. 8- изд., стереотип. – М.: Дрофа, 2008. –95с.
4. Глобальное исследование здоровья школьников. ЮНИСЕФ, 2007.
5. Довудов Р., Абдуллоев И. Рӯзнома оид ба мушоҳидаи табиат (маводи таълимӣ). Душанбе, «Маориф», 1986.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.
7. Китоби сурхи Тоҷикистон. – Душанбе, Ганҷ-нашриёт, 2016
8. К. Ингенкамп. Педагогическая диагностика. Москва, «Педагогика», 1991.
9. Колесников Л., Турченко В., Борисова Л.. Эффективность образования. Москва «Педагогика», 1991.
10. Калиничев Н., Носова Г. Природоведение 5 класс. Москва «Олма пресс» - 2001.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2013.
12. Қодиров Н., Абдуллоев И. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе «Комбинати полиграфӣ» – 2013.

13. Мирзоматов Н. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълим. // «Адаб», 2004
14. Эмомалӣ Раҳмон. Маориф омили муҳимтарини такмили давлат ва наҷоти миллат. Д., 2006.
15. Мелчаков Л. Ф., Скаткин М. Н. Табиатшиносӣ (китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4). Душанбе, «Маориф», 1984. М. «Педагогика», 1981.
16. Маргарет Доналдсон. Мыслительная деятельность детей. М., «Педагогика», 1985.
17. Миронов А. В. Концепции современного естествознания. М., «Пресс», 2003.
18. Матюхина М. В. Мотивация учения младших школьников. М. «Педагогика», 1984.
19. Назриев Т. Салимов Т. Обҳои Тоҷикистон: дар бораи онҳо чӣ медонед.– Душанбе, 2000, 78 саҳ.
20. Назриев Т. Салимов Т. Фалокати Арал фоҷеаи кист? – Д., 2000, 63 саҳ.
21. О. Т. Поголазова, В. Д. Шилин. Окружающий мир.
22. Программа. «Философские проблемы естествознания».
23. "Окружающий мир для 2-го класса. festival.1september.ru/articles/566779/
24. Обзор современных программ по окружающему миру.koi.tspu.ru/koi_books/semenova/razdel%206.htm.
25. Плешаков А.А. Мир вокруг нас. Учебник для 2 кл. нач. шк. В 2ч 4-е издания – М.: Просвещения, АО «Моск. учеб», 2003 – 144 с.
26. Программа «Окружающий мир» - Школа 2010 school2100.com/uroki/elementary/okrmir.php
27. Рабочая учебная программа по предмету festival.1september.ru/articles/566779/
28. Сафин Д., Мусина Р., Қурбонов Ш., Қодиров Н. ва дигарон. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимию методӣ. Душанбе, 2006.
29. Стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012.
30. Современные Программы по Окружающему миру. https://sites.google.com/.../sovremennye-programmy
31. Талызина Н. Ф. Формирование познавательной деятельности младших школьников. М., 1988.
32. Учебник для 4 класса, ч. 1, 2 Смоленск: изд-во «Ассосиация XXI век», 2005.